# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо[β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод гардидааст.**

Саноати нефт микдори зиёди равғанҳои сулфурнок ва баландсулфуреро истеҳсол мекунад, ки яке аз ашёи хоми табиии пайвастаҳои сулфурорганикӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита бо ин синтези чунин пайвастаҳо хело муҳиманд, на танҳо ҳамчун моддаҳои намунавӣ барои индентификатсия истифода мешаванд, балки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи физикӣ-химиявӣ, химиявӣ, физиологӣ, зидди зангзанӣ ва дигар хусусиятҳои хоси онҳо муҳим буда, дар соҳаи нави истифодаи пайвастаҳои сулфурдори таркиби нефт мусоидат мекунад. Дар айни замон масъалаи на танҳо оқилона истифода бурдани захираҳои нефт фаъолият дорад, балки зиёд кардани захираҳои таркиби нефт ва бартараф намудани мушкилотҳои дар вақти истеҳсоли он ба амал меояд то рафт фаъол мегардад.

Аз ин нуктаи назар омӯзиш ва истифода бурдани пайвастаҳои сулфурдори таркиби нефт аминокетонҳо ва тиохроманҳо диққати махсусро ҷалб намудааст. Ин аз ҷиҳати экологӣ ва ҳам аз ҷиҳати оқилона истифода бурдани ашёи хоми саноатии нефт аҳамияти бағоят калон дорад.

Дар солҳои охир истифодаи тамоми навъҳои пайвастаҳои сулфурдор танҳо дар сурати омӯзиши ҳамаҷонибаи сохт, хосиятҳои физикӣ ва химиявии онҳо имконпазир аст. Бинобарин инкишофи усулҳои универсалии синтези пайвастаҳои сулфурдор ва омӯзиши ҳамаҷонибаи табдилёбии онҳо чи аз ҷиҳати инкишофи синтези органикӣ ва чи ба манфиати химияи нефт ва раванди истихроҷ аҳамияти калон дорад. Дар робита бо ин омӯзиши хосиятҳои химиявӣ ва дигар хосиятҳои пайвастаҳои нави синтетикии нефт ва истифодаи реаксияҳои химиявии онҳо барои ҷудо кардан ва истифода бурдани пайвастаҳои сулфурдори таркиби нефт муҳим ва актуалӣ мебошанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферат баъзе камбудиҳо ва имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ягон-ягон ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳифаҳои 4,9,13 автореферат ин ҳол ба назар мерасад.
2. Дар автореферат механизми аксари реаксияҳои овардашуда ба таври пурра таҳлили худро наёфтаанд.

Чун хулоса қайд намудан ҷоиз, ки кори диссертатсионии Саидова Ш.И. дар мавзуи «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо[β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», ки бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида буда, аз ҷиҳати ҳаҷм, ,аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори сарфароз гардидани дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ходими пешбари илмии озмоишгоҳи
синтези органикии Институти химия
ба номи В.И. Никитини АМИТ,
номзади илми химия, дотсент Абдуллаев Тоҳир Ҳасанбаевич

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Рудакӣ,
шаҳраки Сомониён,кучаи Л. Шералӣ,
хонаи 53
Тел.: (+992) 900970101,
E-mail: tolibshoh@mail.ru

Имзои Абдуллаев Тоҳир Ҳасанбаевич-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Раҳимова Ф.А.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи. Айни 299/2. Институти химия
ба номи. В.И. Никитини АМИТ,
Тел.: (+992-37) 225 80 95,
E-mail: info@ikai.tj

“31” 05 соли 2025